КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ФАРМОИШ

735140, ш. Душанбе, кӯч. Шевченко, 39. тел: (+992-37) 227-00-09, факс: (+992-37) 221-91-94. www.vak.tj

аз «30» апрели соли 2021 № 135/ғ.и. ш. Душанбе

Дар бораи аз баррасӣ
бозхонд намудани диссертатсия

Мутобики бандҳои 13 ва 18 Низомномаи муассисаи давлатии "Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" (Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 июни соли 2015, №504) ва Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1.Дисссертатсияи Одилзода Исмоил Ёқубҷон дар мавзӯи "Кардиоваскулярная патология при псориатическом артрите" (Патологияи кардиоваскулярӣ ҳангоми артрити псориатикӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси 14.01.04-Бемориҳои дарунӣ, бинобар риоя нагардидани банди 46 Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсиони (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505) (ислоҳхо дар матни диссертатсия ва автореферат пас аз пешниҳод ба шӯро иҷозат дода намешавад) ва дар асоси банди 73 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505) (шахси довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ хуқуқ дорад, ки диссертатсияро аз баррасии КОА пеш аз қабули қарори КОА дар бораи додан ё радкунии додани диплом бозхонд намояд) аз баррасӣ бозхонд карда шавад.

2. Баррасии такрории диссертатсияи Одилзода Исмоил Ёқубҷон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯи ихтисоси 14.01.04-Бемориҳои дарунӣ пас аз 3 моҳ, баъди ба имзо расидани фармоиши мазкур ба роҳ монда шавад.

3. Нусхаи фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои тиббӣ, байторӣ, фарматсевтӣ ва аграрӣ гузошта шавад.

Асос: Қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тҷикистон аз 29 апрели соли 2021, протоколи № 4.

Раис А. Розиқзода